Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 30 саҳ.).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар ба яке аз масоили мубрами илм ва амалияи ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва дар шароити муосири рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи конститутсиониро ҷалб мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки то имрӯз аз ҷониби олимони ватанӣ вобаста ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат таҳқиқоти илмӣ гузаронида нашудааст.

Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи автореферат ро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода доир ба номукаммалии банди 2-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, № 197 “Дар бораи Номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва

давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок” руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани ин санад таклифи мушаххас пешниҳод намудааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур намуда, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи диссертатсионии мазкур яке аз нахустин пажӯҳиши мукаммал, ҳамаҷониба, сохторӣ-пуррагии ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ба шумор меравад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои пешорӯи муаллиф гузошташударо инъикос менамоянд. Аз ин нуктаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шахриёр Мунавар илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳанд.

Бояд ёдовар шуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Мирзозода Шахриёр Мунавар мусбат мебошад, зеро он яке аз нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи Мирзозода Шахриёр Мунавар мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфта, баъзе аз эродҳо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати илмии автореферати диссертатсияро коста намегардонанд. Масалан дар рисола, муаллиф қайд менамояд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби иттифоқҳои касаба басо муҳим мебошад. Аммо аз мазмуни автореферат маълум нест, ки ин ҳимоя бо кадом роҳ ва усулҳо татбиқ карда мешавад, инчунин маълумоти оморӣ дар ин самт оварда нашудааст.

Эроди зикршуда тавсиявӣ буда, хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад. Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Мирзозода Шахриёр Мунавар сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Директори Муассисаи давлатии
«Маркази барномаҳои байналмилалӣ»,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Одиназода Р.С.

Имзои Одиназода Р.С.-ро тасдиқ мекунам:

Мудири бахши коргузорӣ,
кадр ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии
«Маркази барномаҳои байналмилалӣ» Имомзода М.М.
«01» 04 соли 2024

Суроға: ш. Душанбе, н. И.Сомонӣ, кӯчаи М.Турсунзода 47.
Телефон: (992 37) 223 -23 -59; 00 500 74 74